Омӯзиш • Тасаввурот • Фаҳмиш • Тараққиёт
Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон

№ 7 (76)
15 декабри
2016

Ҷаҳонро ба дониш тавон ёфтан

# Молия ва иқтисод




Оғози нашр: 7.03.2013

Нашрияи Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон

КОНФРОНСИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

# САМАРАНОКИИ ИДОРАКУНИИ МОЛИЯИ ДАВЛАТӢ




**Рӯзҳои 1 ва 2 декабри соли равон дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон бо ибтикори Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва Лоиҳаи Иттиҳоди Аврупо оид ба «Дастгирии самтҳои интихобшудаи ислоҳоти идоракунии молияи давлатӣ (ИМД): Лот1» конфронси байналмилалӣ дар мавзӯи «Самаранокии идоракунии молияи давлатӣ ва аҳамияти он дар рушди устувори иқтисодиёти миллии Тоҷикистон» доир гардид.**

Дар кори конфронс олимону муҳаққиқон ва намояндагони вазорату идораҳои гуногуни ҷумҳурӣ, ташкилотҳои хориҷӣ, коршиносони хориҷӣ ва маҳаллии бахшҳои гуногуни иқтисод ва молия ва намояндагони васоити ахбори омма иштирок доштанд.

Конфронсро бо сухани ифтитоҳӣ ректори ДМИТ Солеҳзода Ашурбой ҳусни оғоз бахшида, аз ҷумла қайд дошт, ки баргузории конфронси байналмилалии мазкур дар асоси татбиқи Лоиҳаи Иттиҳоди Аврупо оид ба «Дастгирии самтҳои интихобшудаи ислоҳоти идоракунии молияи давлатӣ (ИМД): Лот1», ки дар донишкада амалӣ шуда истодааст, сурат мегирад.

Мавсуф аз ҷумла афзуд, ки дар амалинамоии ҳадафҳои муҳимми ислоҳот дар самти мукаммалнамоии идораи молияи давлатӣ ва системаи омоданамой ва такмилдиҳии кадрҳои ин соҳа дастгирӣ ва кумаки техникии Иттиҳоди Аврупо мусоидат менамояд. Барои Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккули системаи омодасозии кадрҳои болаёқат ва ба талаботи замон ҷавобгӯ аз аҳамият холӣ нест ва бинобар ин ҳамроҳ намудани Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба татбиқи компоненти Лоиҳаи мазкур ва лоиҳаи марҳилаи аввал манфиатовар аст. Дар марҳилаи дуюми Лоиҳаи мазкур мақсадгузорӣ нисбати мукаммалгардонии низоми таълиму тадқиқот ба самти омӯзонидани гурӯҳи омӯзгорон нигаронида шуда, маркази ақлҳо ташкил карда шуд ва ба наздикӣ дар донишкада дар бахши магистратура ихтисоси идоракунии молияи давлатӣ ҷорӣ карда мешавад, гуфт А. Солеҳзода.

Сипас Раҳматулло Мирбобоев, муовини аввали вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷамшед Нурмуҳаммадиён, муовини вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сироҷиддин Икромӣ, муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон, Мачей Мадалински, намояндаи ИА, роҳбар оид ба ҳамкориҳо, Ясмин Гуэдар, сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурии Фаронса дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад карда, рӯзмарра ва муҳим будани мавзӯи баррасишавандаро қайд ва ба кори конфронс барор хостанд.

Муовини вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмуҳаммадиён зикр намуд, ки конфронси имрӯза барои арзёбии вазъ ва дурнамои идоракунии молияи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият фароҳам оварда, ба иҷрои он вазифаҳое, ки ба мо вогузор шудаанд, мусоидат менамояд.

«Новобаста аз таъсири омилҳои беруна ба иқтисодиёти мо, дар соли равон бо шарофати меъёрҳои сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба натиҷаҳои муайяни рушди иқтисодиёт ва муътадилии сиёсати макрофискалӣ ноил гаштем. Суръати афзоиши ММД дар давоми 10 моҳи соли равон андозаи 6,7%-ро ташкил дод. Ҳамчунин дар як зумра бахшҳои иқтисодиёти миллӣ афзоиш ба назар мерасад. Мутаассифона, бо вуҷуди ҳамаи ин натиҷаҳо Тоҷикистон ҳанӯз ҳам кишвари осебпазир аз омилҳои беруна, ки боиси маҳдуд гардидани гардиши савдои хориҷӣ, интиқоли пули муҳоҷирон, хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ, даромади буҷа ва фаъолияти соҳибкорӣ мегарданд, боқӣ мемонад.

С. 2

ТАНТАНАИ ИЛМ













# САМАРАНОКИИ ИДОРАКУНИИ МОЛИЯИ ДАВЛАТӢ

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади паст кардани таъсири омилҳои беруна дар бораи нақшаи чорабиниҳо оид ба пешгирии хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисодиёти миллӣ қарор қабул кард. Он татбиқи чорабиниҳо оид ба таъмини суботи макроиқтисодӣ, таҳкими сиёсати пулию фискалӣ, беҳтар намудани фазои соҳибкориро фаро мегирад», - илова намуд Ҷамшед Нурмуҳаммадиён.



Мачей Мадалински дар бораи татбиқи лоиҳа истода гузашт ва аз ҷумла қайд кард, ки татбиқи лоиҳаи мазкур дар донишкада барои таъмини мутахассисони ҷавони сатҳи нав нигаронида шудааст. Айни замон дар донишкада се гурӯҳи корӣ фаъолияти тадқиқотӣ мебаранд, ки инҳо доир ба масъалаҳои макроиқтисодӣ, бозори меҳнат ва муҳоҷират ва буҷетикунонии минтақаҳо мебошад. Дар умум 40 нафар устодони донишкада дар таҳияи барномаи таълими фосилавӣ оид ба идоракунии молияи давлатӣ иштирок доранд, гуфт М. Мадалински.

Дар бахши «Рушди идоракунии молиявӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва буҳрони молиявӣ» маърӯзаҳои Сергей Тагор, ходими пешбари илмии Академияи хоҷагии халқ ва хадамоти давлатии Русия дар назди Президенти ФР., ш. Москва (АХХХДР) дар мавзӯи «Рушди тадқиқот ва молияи давлатӣ дар АХХХДР ва Донишкадаи сиёсати иқтисодии ба номи Е.Т. Гайдар» ва Мастура Буриева, н.и.и., дотсент, мудири кафедраи омори ДМИТ дар мавзӯи «Молияи давлатӣ дар низоми танзими давлатии рушди минтақаҳо» шунида шуда, дар атрофи онҳо музокираҳо сурат гирифт.

Дар бахши «Рушди макроиқтисодии Тоҷикистон ва равандҳои буҷетӣ» Сироҷиддин Икромӣ дар мавзӯи «Дастгирии давлатии соҳибкорӣ тавассути низоми бонкӣ» ва Петер Довчиак, корманди Лоиҳаи ИМД ИА дар мавзӯи «Моделсозии макроиқтисодӣ барои ИМД» баромад карданд.

Аз ҷумла Сироҷиддин Икромӣ дар баромадаш барои рушду тавсеаи бахши хусусӣ ва дастгирии соҳибкорӣ ба ташкилотҳои қарзии ҷумҳурӣ пешниҳодҳои зерин кард, ба монанди дарёфти сармояи арзон ва дарозмуҳлат ва дар ин замина пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок ва баланд бардоштани маърифати молиявии соҳибкорон.

Ҳамчунин маърӯзаҳои Сайдалӣ Саидраҳмонов, директори Ассотсиатсияи ҳифзи аҳолии н.Тоҷикобод дар мавзӯи «Дастгирии идоракунии маблағгузории давлатӣ», Парвиз Ғафуров, коршиноси Лоиҳаи ИА дар мавзӯи «Модели дурнамои даромадҳои давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Артак Кюрумян, коршиноси Лоиҳаи ИМД ИА дар мавзӯи «Саҳми буҷет ва равандҳои буҷетӣ дар ноилгардии ҳадафҳои стратегии ҳукумат», Галина Курляндская, коршиноси Лоиҳаи ИМД ИА – «Буҷетикунонии фаромиллӣ дар доираи Барномаи миёнамуҳлати хароҷоти давлатӣ», Наиля Менлашева, коршиноси ХБА дар мавзӯи «Корхонаҳои давлатӣ ва хавфҳои фискалӣ» маърӯзаҳои пурмуҳтаво ва пешниҳодҳои асосноки илмӣ карданд.

Кори конфронс рӯзи 2-юми декабр дар донишкада идома ёфт.

Дар бахши «Рушди ояндаи ДМИТ дар самти маркази ақлҳои Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» Ашурбой Солеҳзода, ректор презентатсияи ДМИТ-ро намоиш дода, дар бораи ҳадаф, вазифаҳо ва самтҳои фаъолияти он маълумоти муфассал дод. Тавре Солеҳзода А. изҳор дошт, ҳадафи асосии донишкада ин пешсафӣ дар арсаи миллӣ ва байналмилалӣ дар самти омода намудани мутахассисони соҳаи молия ва иқтисод мебошад. Дар муддати чаҳор соли фаъолият дар донишкада вобаста ба талаботи бозори меҳнат номгӯйи ихтисосҳо аз 24 то 37 адад расонида шуд.

Мавсуф, ҳамчунин доир ба курси магистрии идоракунии молияи давлатӣ, ки аз моҳи сентябри соли 2017 ҷорӣ карда мешавад, иттилоъ дода, қайд дошт, ки дар он метавонанд кормандони мақомоти молияи маҳаллӣ таълим гиранд. Хатмкунандагони магистратура дорои қобилияти банақшагирии самаранок ва ояндабинии даромади буҷетӣ ва стантдартҳои баҳисобгирии ватанӣ ва байналмилалӣ шуда, инчунин усулҳои идоракунии самараноки хазинадориро меомӯзанд.

Ҳамчунин Ғиёсиддин Ашуров, муовини ректор оид ба илм презентатсия дар бораи услубҳои нави таълим, «Маркази ақлҳо» (Think Tank) ҳамчун кафили сифат баромад карда, афзуд, ки дар ин марказ чанд нафар устодони донишкада оид ба макроиқтисод, идоракунии молияи давлатӣ ва методологияи тадқиқот омӯзонида шуда, барои машваратдиҳӣ ва коркарди идеяҳо вобаста ба муаммоҳои алоҳидаи иқтисодӣ кор мебаранд.

Баҳром Сафаров, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ дар бораи фаъолияти Маркази такмили ихтисоси назди ДМИТ ба тариқи презентатсия маълумот дод.

Манзура Кошонова, директори Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии «Молия»-и назди ДМИТ низ дар бораи фаъолияти ин маркази тадқиқотӣ ба иштирокчиёни конфронс иттилоъ дод.

Дар бораи фаъолияти густурдаи имрӯза ва нақшаҳои ояндаи Парки технологӣ-инноватсионии ДМИТ директори он Фаридулло Убайдуллоев ба воситаи презентатсия ҳозиринро ошно сохт.

Баъдан меҳмони хориҷӣ Сергей Приходко, директори иҷроияи Донишкадаи сиёсати иқтисодии ба номи Е.Т.Гайдар низ дар бораи самтҳои фаъолияти ин муассиса ба ҳозирин маълумот дод. Тавре мавсуф қайд кард, самтҳои фаъолияти ин муассиса фарох буда, фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ, машваратӣ, нашриётӣ, баргузории конфронсу семинарҳо аз самтҳои муҳиму асоситарин ба шумор мераванд. Корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, тавре Приходко С. қайд кард, ба омӯзиши масъалаҳои сиёсати буҷетӣ, сиёсати инноватсионӣ, иқтисодиёти аграрӣ, идоракунии молияи давлатӣ равона гардидаанд.

Сипас байни Донишкадаи сиёсати иқтисодии ба номи Е.Т.Гайдар (Москва) ва Академияи хоҷагии халқ ва хадамоти давлатии Русия дар назди Президенти Федератсияи Россия (Москва) ва Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон созишнома дар бораи ҳамкорӣ дар самти фаъолияти якҷояи илмию педагогӣ ва таълимию методӣ баста шуд.

Дар нимаи дуюми рӯз конфронс идома ёфта, дар умум 26 маърӯзаи илмӣ шунида ва муҳокима карда шуданд. Маърӯзаҳо асосан баррасии масъалаҳои таҳлили муқоисавӣ ва такмили минбаъдаи низоми андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, самтҳои методологии таҳлили минтақавӣ дар кишвар, рушди назорати молиявии давлатии дохилӣ дар бахши давлатӣ, таҳлил ва механизмҳои мушкилоти танзими таваррум дар кишварро фарогир буданд ва дар заминаи онҳо мубоҳисаҳо сурат гирифт.

Дар ҷамъбасти конфронси байналмилалӣ дар заминаи корҳои тадқиқотӣ ба вазорату идораҳои дахлдор таклифу пешниҳодҳои амалишаванда карда мешаванд.

**МАШҲУРА АБДУЛЛОЕВА**

# Конфронс: «БАРРАСИИ МУАММОҲОИ РУШДИ ТУРИЗМ ДАР КИШВАР»

3 декабр бо ташаббуси кафедраи иқтисоди ҷаҳон ва тиҷорати байналмилалӣ дар донишкада конференсияи илмӣ-амалии байналмилалии «Муаммоҳои инкишофи туризми байналхалқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» доир гардид. Дар он олимону муҳаққиқон, коршиносони маҳаллӣ ва хориҷии соҳаи сайёҳӣ, намояндагони вазорату идораҳои ҷумҳурӣ ва дигар сохторҳои марбута иштирок доштанд.




Конфронсро ректори донишкада Ашурбой Солеҳзода ифтитоҳ ва аз саҳми Ҳукумати кишвар ҷиҳати дастгирии соҳаи туризм ёдовар шуда, изҳор дошт, ки Тоҷикистон барои рушди самтҳои гуногуни туризм имкониятҳои фаровон дорад. Ҳарчанд дар ин бахш аз ҷониби ширкатҳои сайёҳӣ кӯшишҳои зиёд ба назар мерасанд, вале ин басанда нест, зеро дар баробари туризми содиротӣ бояд туризми воридотӣ низ рушд ёбад. Дар самти тарбияи кадрҳои тахассусманд низ чанде аз муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ машғуланд, то бозори меҳнатро бо кадрҳои лаёқатманди рақобатпазир таъмин созанд. Дар ин замина, баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ ба сайёҳон дар мадди аввал аст, - афзуд А. Солеҳзода.

Муовини раиси Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Ризо Назарзода дар мавзӯи «Туризми Тоҷикистон: мушкилот ва дурнамо» баромад кард. Ӯ дар маърӯзаи пурмуҳтавои худ қайд намуд, ки дар соли 2015 дар ҷаҳон аз ҳисоби туризм 1,5 триллион доллар маблағ ба даст омадааст, ки ин баробари 10% маҷмӯаи маҳсулоти дохилии ҷаҳон мебошад. Имрӯз ҳар 16-ум ҷойи кории сайёра ба соҳаи сайёҳӣ рост меояд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ беш аз 30 санади меъёрию ҳуқуқӣ барои танзими сиёсати давлатӣ дар соҳаи туризм қабул гардидаанд, ки барои рушди ин соҳа мусоидат менамоянд. Сокинони 81 кишвари дунё метавонанд аз се фурудгоҳи байналмилалии Тоҷикистон соҳиби раводид шаванд. Ба наздикӣ раводиди электронӣ ҷорӣ мегардад, ки сайёҳон тавассути интернет соҳиби раводид ба Тоҷикистон мегарданд. Ин иқдомҳо сафари хориҷиёнро ба кишвари мо бамаротиб осонтар менамояд. Тоҷикистон хусусан дар самти туризми экологӣ, тиббӣ, фарҳангӣ-таърихӣ имкониятҳои фаровон дошта, борҳо ҳамчун кишвари зеботарин ва мусоид барои сайёҳон дар ҷаҳон эътироф гашта, дар раддабандиҳои аввал қарор гирифтааст. Соли 2017 бошад, бо пешниҳоди Ташкилоти умумиҷаҳонии туристӣ соли туризми устувор эълон гаштааст.

Афзалиятҳои ба рушди туризм мусоидаткунанда дар кишвар ин туризми экологӣ, имконияти дар чор фасли сол қабул кардани сайёҳон, ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ ва Шоҳроҳи Бузурги Абрешим аст, гуфт дар охир Ризо Назарзода ва нарасидани кадрҳои тахассусӣ ва беҳтар кардани хизматрасониро мушкилоти соҳа номид.

Регина Гаутлина коршиноси соҳаи туризм, ки Ҷумҳурии Қирғизистонро намояндагӣ мекунад, изҳор дошт, ки тӯли шаш моҳ аст, ки дар Тоҷикистон фаъолият мебарад ва ба ояндаи дурахшони туризми кишвар некбин аст. Ба гуфтаи номбурда афзалияти асосии туризми Тоҷикистон дар он зоҳир мегардад, ки ҷойҳои диққатҷалбкунандаи сайёҳӣ дар тамоми минтақаҳои он ба назар мерасанд ва аз махсусиятҳои нодири табиӣ бархӯрдоранд.

Мудири бахши ҷавонон, варзиш ва сайёҳии ноҳияи Варзоб Раҷабалӣ Турсунзода дар мавзӯи «Варзоб - минтақаи сайёҳӣ: мушкилот ва дурнамо» баромад кард. Дар маърӯза изҳор гардид, ки диёри зебоманзараи Варзоб дорои захираҳои фаровони туристӣ буда, дар ҳудуди он 145 намуд растании шифобахш мерӯяд. Чашмаҳои маъдании он низ барои рушди туризми тиббӣ мусоидат менамоянд. Пас аз эълон шудани Варзоб ҳамчун минтақаи туристӣ дар самти туризм тадбирҳои зиёд андешида шуд. Айни замон дар ноҳияи Варзоб беш аз 460 минтақаи истироҳатӣ ба меҳмонону сайёҳон хизмат мерасонанд.

Раиси Ассотсиатсияи мададгор ба ташкилотҳои туристии Тоҷикистон Фаттоҳ Файзуллоев ва вакили Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустам Қудратов низ дар баромади хеш бобати афзалият ва зарурати рушди туризм ибрози назар намуданд.

Баъдан маърӯзаҳои Холназар Муҳаббатов, д.и.г., профессори кафедраи туризми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ дар мавзӯи «Зарурати рушди туризму сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Иван Самсон, коршиноси хориҷии Лоиҳаи Иттиҳоди Аврупо, профессори Донишгоҳи Гренобл (Фаронса) ва Мисқола Абдуллоева, роҳбари ширкати сайёҳии «Orom-Trevel» дар мавзӯи «Рушди туризми дохилӣ дар заминаи соҳибкории хурду миёна» баромадҳои пурмазмун карданд.

Аз ҷумла, Иван Самсон модели рушди туризмро дар давлати Шветсария мисол оварда, самтҳои дар кишвари мо амалишаванда, аз қабили агротуризм, ташкили инфрасохтори махсус ва истифодаи захираҳоро муҳим шуморид.

Пас аз анҷоми маърӯзаҳои қисмати ифтитоҳӣ саволу ҷавоб ва музокира сурат гирифт. Р. Назарзода ба роҳбарияти ДМИТ пешниҳод кард, ки барои ворид намудани донишкада ба Анҷумани мактабҳои олии туризмтадрисшавандаи назди Ташкилоти умумиҷаҳонии туристӣ, ки қароргоҳаш дар шаҳри Мадриди Испания аст, дархост пешниҳод намоянд. Зеро ин ташкилот барои баланд бардоштани малакаи касбомӯзии муҳассилини риштаи туризм имкониятҳои васеъ дорад. Ин пешниҳод аз ҷониби ректори донишкада бо хушнудӣ пазируфта шуд.

Дар нимаи рӯз кори конфронс дар ду бахш: «Таъсири туризми байналмилалӣ дар муаррифии Тоҷикистон ҳамчун кишвари сайёҳӣ» ва «Рушди туризми дохилӣ: мушкилот ва дурнамо» идома ёфта, масъалаҳои гуногуни ин соҳа, аз ҷумла роҳҳои истифодабарии самараноки захираҳои туристии кишвар; муаммо ва имкониятҳои рушди туризми байналмилалӣ дар ҷумҳурӣ; заминаҳо ва дурнамои рушди агротуризм; роҳҳои рушди туризм аз нигоҳи барномаҳои давлатӣ ва зарурати таҳияи барномаҳои туристӣ барои минтақаҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ; имкониятҳои неруии рушди туризми байналмилалии куҳнавардӣ ва варзишӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор гирифтанд.

Дар умум, беш аз 30 маърӯзаи илмӣ шунида шуда, дар натиҷа барои пешрафти соҳаи туризм ва бартараф кардани муаммоҳои рушди он дар ҷумҳурӣ пешниҳоду тавсияҳои судманд карда шуд.

**Машҳура АБДУЛЛОЕВА**
**Насрулло ТӮЙЧИЗОДА**

**8 декабр Маркази барқу гармидиҳии «Душанбе-2» мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт.**

# СОҲАИ МОЛИЯ БАХШИ МУҲИММИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛИСТ




Бахшида ба Рӯзи кормандони мақомоти молия рӯзи 7 декабр дар донишкада ҷаласаи тантанавӣ доир гардид.

Ректори донишкада Солеҳзода Ашурбой ҳозирин ва тамоми кормандони соҳаи молияро ба муносибати иди касбиашон муборакбод гуфт ва ҳамчунин паёми табрикии вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдусалом Қурбониён Каримро ба аҳли толор расонида афзуд, ки таҳлили ин ҷашн эътирофгари саҳми барҷастаи кормандони мақомоти молия дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, рушди мамлакат ва ташаккули ҷомеаи навин ба ҳисоб меравад. Дар баробари ин Вазорати молия ниҳоди муҳимест, ки дар пешбурди сиёсати ягонаи давлатии молиявӣ, татбиқи сиёсати назорати давлатии молиявӣ, татбиқи сиёсати буҷету андоз, баҳисобгирии муҳосибӣ ва татбиқи сиёсати хароҷотҳои давлатӣ фаъолият мебарад.

Мавсуф дар бораи низоми молиявии кишвар сухан ронда, аз ҷумла қайд кард, ки низоми молия дар ҳар як кишвар вазифаи ниҳоят муҳимми тақсимкунӣ ва азнавтақсимкунии захираҳои молиявиро бар дӯш дошта, он барои кам кардани сатҳи камбизоатӣ, таъмини баланди иҷтимоии аҳолӣ ва дар охир барои таъмини зиндагии шоистаи мардум ниҳоят муҳим мебошад. Аз ин лиҳоз, аз кормандони соҳаи молия ва дигар мақомот, ки бевосита дар соҳаҳои мухталифи молия фаъолият мебаранд, рушди иқтисодиёт ва иҷтимоиёти ҳар як кишвар вобастагии зиёд дошта, фаъолияти самарабахши соҳаи молия, пеш аз ҳама, аз дараҷаи таъмин будани он бо кадрҳои баландихтисос алоқаманд аст ва ДМИТ дар омода намудани мутахассисони соҳа саҳми назаррас мегузорад, гуфт дар охир ректор.

Дар маҷлис ду маърӯза бахшида ба масъалаи мазкур шунида шуд. Оймаҳмадов Гулмаҳмад, дотсенти кафедраи молия ва муомилоти пулии донишкада дар мавзӯи «Ислоҳоти бахши низоми молиявӣ дар мамлакат» ва Саидҷон Ҳомидов, донишҷӯи курси 4, ихтисоси молия дар мавзӯи «Нақши буҷети давлатӣ дар рушди босуботи иқтисодиёти миллӣ» маърӯзаҳои пурмуҳтаво карданд.

Гуфта шуд, ки ташкил ва хароҷоти захираҳои молиявии дар буҷет гирдовардашуда на танҳо бо ёрии вазифаҳои азнавтақсиму назорат, танзим ва таъмини мутаносибият, балки бо истифода аз вазифаи иттилоотии буҷет, яъне индикатори ҳолати ҷории иқтисодиёти мамлакат амалӣ гардида, сатҳи амалинамоии афзалиятҳои иҷтимоию иқтисодии ҷамъиятиро инъикос менамояд. Аз маълумотҳои оморӣ бармеояд, ки буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон характери иҷтимоӣ дошта, ҳаҷми он сол то сол меафзояд.

Дар охири ҷамъомад як қатор мусобиқаҳои ба ин рӯз бахшидашуда ҷамъбаст ва ғолибон бо Дипломи Ифтихорномаҳо сарфароз гардонида шуданд. Ғолиби мусобиқаи шоҳмот дар байни донишҷӯён Нуриддинзода Мумтоз, донишҷӯи курси 1, факултети менеҷмент ва ҳуқуқи молиявӣ бо Дипломи дараҷаи 1 ва туҳфаи хотиравӣ сарфароз гардонида шуд. Зиёев Шафеъулло, донишҷӯи курси 2, факултети молия ва қарз ва Мирзоқандов Ёмин, донишҷӯи курси 1, факултети муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ бо Дипломҳои дараҷаи 2 ва 3 ва туҳфаҳо мукофотонида шуданд. Аз байни духтарон Унайтуллоева Аниса, донишҷӯи курси 2, факултети муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ бо туҳфа қадрдонӣ карда шуд.

Федератсияи панкратиони Ҷумҳурии Тоҷикистон донишҷӯи факултети технологияҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт Фарид Чоршанбиевро барои ғолибият дар мусобиқаи ин намуди варзиш байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон бо Ифтихорнома сарфароз гардонид.

Ҳамзамон аз Клуби соҳибкорони ҷавон ва аз номи раиси ноҳияи Фархор Раҳимзода Раъно барои ҳамкориҳои судманд ба донишкада Сипосномa расонда шуд.

**М. АБДУЛЛОЕВА**

# ИМТИҲОНИ МАҲОРАТИ ПЕДАГОГӢ



7.12.2016 сол. Имрӯз раёсати таълими донишкада баъди баанҷомрасии курсҳои омӯзишии маҳорати педагогӣ аз ассистентон ва муаллимони ҷавони кафедраҳо, ки аз 9 ноябр то 7 декабри соли равон дарс хонда, ихтисоси муаллимиро такмил доданд, имтиҳон қабул кард.

Қайд бояд кард, ки ба курсҳо ассистентҳои навкор ва собиқадор фаро гирифта шуда буданд ва ҳар кадом бо мақсади рафъ намудани камбудиҳо дар дарсҳо, мушкилиҳо дар раванди таълим, билохира муваффақ шудан дар кори таълиму тарбия ва дар сатҳи зарурӣ омодасозии мутахассисони оянда фаъолмандӣ нишон доданд.

Омӯзгорон дар ҳузури н.и.п., дотсент Носиров С.Ш., сардори шуъбаи мониторинг ва идораи сифати таълими ДМИТ Холбобоев Р. ва сармутахассиси ҳамин шуъба Иброҳимов Д. имтиҳон супориданд. 29 нафар бомуваффақият имтиҳон супориданд ва он воқеъ ва шаффоф сурат гирифт.

Бояд гуфт, ки баргузории курсҳои такмили ихтисос ва иштироки фаъолонаи омӯзгорони ҷавон дар онҳо метавонад ба боло бурдани савияи дониш ва тарбияи ҳамаҷонибаи мутахассисони оянда таъсири мусбат расонад.

**М. АБДУЛЛОЕВА**

### Ҳушдор

# ВНМО - ВАБОИ АСР



Ҳамасола дар ҷаҳон 1-уми декабр ҳамчун Рӯзи байналмилалии мубориза бо ВНМО (ВИЧ/СПИД) таҷлил карда мешавад. Ба ин муносибат дар ДМИТ низ чорабинӣ доир гардид, ки онро ноиби ректори донишкада оид ба тарбия Зулфия Ахмедова ифтитоҳ намуд. Номбурда изҳор дошт, ки ВИЧ/СПИД бемориест, ки ба тамоми аҳли башар хатар дорад ва бояд бар зидди он дастаҷамъона мубориза бурд. Дар ҷаҳон ягон кишваре нест, ки ин вирус дар он ҷо доман паҳн накарда бошад.

Ҳамшираи тиббии бунгоҳи тиббии донишкада Меҳрона Ҳакимова, мутасаддии ВНМО Робия Раҳмонова ва намояндаи шуъбаи тиббӣ-машваратии ҷавонони маркази саломатии шаҳрии №1 Нигина Камолова низ дар баромади худ доир ба ВИЧ/СПИД иттилои муфассал доданд. Дар маърӯзаи онҳо қайд гардид, ки мутаассифона, дар Тоҷикистон айни замон беш аз 8 ҳазор нафар ба ин вирус мубтало гаштаанд. Зикр гардид, ки роҳи асосии муҳофизат ва гирифтор нашудан ба вирусу бемориҳо дар дасти худи инсон буда, саломатии ҳар як шахс аз худи ӯ вобастагии калон дорад.

Дар рафти чорабинӣ бо ташаббуси бахши тарбия донишҷӯёни донишкада саҳначаҳои тарбиявӣ намоиш доданд. Инчунин ба тариқи саволу ҷавоб викторина сурат гирифт, то дониш ва фаҳмиши муҳассилин доир ба ин вабои аср боз ҳам мустаҳкамтар гардад.

Дар охир, ба ҳамшираи тиббӣ Меҳрона Ҳакимова барои фаъолияти пурмаҳсул Ифтихорномаи Раёсати донишкада ва ба донишҷӯёни дар ин озмун ғолибомада тӯҳфаҳо супорида шуд.

**Насрулло ТӮЙЧИЗОДА**

# ОМӮЗИШИ УСУЛҲОИ ТАҲҚИҚОТИ ИЛМӢ



8.12.2016. Имрӯз ректори донишкада Солеҳзода Ашурбой семинари илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи «Усулҳои таҳқиқоти илмӣ» баргузор намуд, ки дар он устодон, магистрантон, аспирантону унвонҷӯён ва докторантон ширкат варзиданд. Мақсади гузаронидани семинар ин дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, навиштани мақолаҳои илмӣ, рисолаи магистрӣ, рисолаҳои номзадӣ, интихоби мавзӯъҳои проблемавӣ, бурдани таҳқиқот, навиштани лоиҳаҳо ва дастрасӣ ба мавзӯъҳои нави илмӣ-фармоишӣ мебошад.

Чӣ тавре ки Солеҳзода А. қайд намуд, имрӯзҳо дар соҳаи истеҳсолот норасоии мутахассисон ба назар мерасад. Барои бартараф кардани мушкилии бавуҷудомада мутахассисони ҷавонро зарур аст, ки ҳарчи бештар корҳои илмӣ-тадқиқотӣ баранд, нозукиҳои соҳаи худро сидқан аз худ намоянд, забонҳои хориҷиро омӯзанд. Зеро яке аз шарти асосии ба кор қабул кардани корманд дар тамоми сохторҳои давлативу ғайридавлатӣ донистани забонҳои хориҷӣ маҳсуб меёбад.

- Мақсади ҳар як толибилм ин бояд хондан бошад, на дипломгирӣ. Аз ин рӯ, ҳар як мутахассиси ҷавон бояд таҳлил ва пешниҳод карданро дар корҳои илмӣ аз худ кунад, аз таърихи илм бархӯрдор бошад, гуфт ректор.

Мавсуф дар бораи мактабҳои илмии иқтисодӣ аз нуқтаи назари таҳаввулот, схоластика – таҷрибаи аввалини ба низомдарории ислоҳоти илмӣ, иқтисоди сиёсӣ – илм оид ба бойигарии халқҳо, экономикс – илм оид ба истифодаи оқилонаи захираҳои маҳдуд, усули назарияи иқтисодӣ, мантиқи зоҳирӣ, усул ва тарзҳои дарккунии мантиқӣ-зоҳирӣ маълумоти муфассал дод.

Бояд гуфт, ки ташкил ва гузаронидани семинарҳои мазкур барои пешбурди корҳои илмӣ-тадқиқотӣ барои магистрантону аспирантон мусоидат менамояд.

**Хисрав МУҲИДДИНОВ**

**Арзиши умумии лоиҳаи Маркази барқу гармидиҳии «Душанбе-2» 349 млн доллари амрикоӣ буда, 17 млн 443 ҳазор доллари он саҳми Ҳукумати ҶТ аст.**

**Ба муносибати Рӯзи кормандони мақомоти молия**

# НАҚШИ НИЗОМИ МОЛИЯВӢ ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ КИШВАР

Муносибатҳои молиявӣ низоми махсуси муносибатҳои иқтисодиест, ки ба ташкил, тақсимот ва истифодаи самараноки захираҳои молию пулӣ бо мақсади таъмини ниёзи давлат, корхона (ташкилот ва муассиса) ва шаҳрвандони кишвар равона карда шудааст. Мухтаво ва моҳияти иқтисодии муносибатҳои молиявӣ аз тавсифи воситаҳои пулӣ ва вазифаҳои асосии он бармеояд.

Ҳанӯз дар даврони Ҳахоманишиҳову Сомониён низоми молиявӣ ташкил ва рушд ёфта, дар даврони сулолаи орийӣ низоми ташаккулёфтаи идоракунии захираҳои молиявӣ ва усулҳои пешқадами муомилоти пулӣ амал мекарданд, ки вобаста бо мурури замон аз нигоҳи ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ такмил ёфтаанд. Дар даврони Шӯравӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми молиявӣ ба сохти дигар ташкил ёфта, тӯли беш аз 70 сол рушд ва мавриди истифода қарор гирифтааст. Аммо сохтори низоми идоракунии молиявии он давр ба талабот ва вазифаҳои асосии амалкардаи он ва ҳамгироии иқтисодиёти ҷаҳонӣ мусоидат накарда, дар бисёр мавридҳо садди рушди иқтисодиёти кишвар гардида буд.

Ҳангоми гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ сохтори низоми молиявии кишвар куллан тағйир ёфта, муносибатҳои нави молиявӣ, пеш аз ҳама, барориши пули миллӣ, захираҳои зарурии асъорӣ, тилло, бозори коғазҳои қиматнок ва ғайраҳо равиши навро дар ин низом ба миён оварданд. Инчунин таҳия, баррасӣ ва иҷрои буҷети давлатӣ, тартиби маблағгузорӣ ва танзими истифодаи самараноки воситаҳои пулӣ низ дигар шуда, низоми молиявӣ дар кишвар ба як низоми устувори идоракунии молияи давлатӣ мубаддал гаштааст.

Қайд кардан бамаврид аст, ки бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар кишвар низоми идоракунии устувори молиявӣ ҷавобгӯ ба талаботи иқтисоди бозорӣ ташкил ва рушд ёфтааст. Яке аз падидаҳои асосии ин низом барориш ва амалкарди воҳиди ягонаи пулӣ, пеш бурдани сиёсати пулию қарзӣ, такмили низоми андозбандӣ, шаффофӣ ва баланд бардоштани самаранокии хароҷоти буҷет, нигоҳ доштани вазъи мутавозинии маблағгузории буҷет таъмин карда шуд. Ин буд, ки дар соли 2000 рушди воқеии иқтисодиёти мамлакат ба ҳисоби миёна 7 фоиз ва воридоти буҷети давлатӣ 14,1 фоизи маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва дар соли 2005 19,9 фоиз ташкил додааст. Бо роҳи гузаронидани сиёсати оқилонаи андозу буҷет, мувозинати буҷет таъмин гардида, сатҳи камбизоатӣ аз 83,1 фоизи соли 1999 то 72,4 фоиз дар соли 2003, 45 фоиз дар соли 2010, 31,1 фоиз дар соли 2015 расонида шуд. Дар назар аст, ки дар соли 2020 ин рақам то 20 фоиз коҳиш дода мешавад.

Аз ҷониби дигар тайи даҳ соли охир ҳаҷми даромади буҷети давлатӣ зиёда аз 11,2 маротиба афзоиш ёфта, дар соли 2010 ба 7023,9 миллион сомонӣ ва дар соли 2016 ба 18305,8 миллион сомонӣ баробар гардид, ки он 31,7 фоизи маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил медиҳад. Агар соли 2000 ҳаҷми умумии қарзи берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 105,2 фоизи маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил дода бошад, баъди кӯшишҳои Ҳукумати Ҷумҳурӣ соли 2016 он ба 30,5 фоиз расид.

Дар шароити кунунӣ низоми идоракунии молиявӣ дар кишвар ташаккул ёфта, раёсатҳои дохилии хазинадорӣ, идоракунии қарзҳои давлатӣ, рушди бозори коғазҳои қиматнок, кор бо металлу сангҳои қиматбаҳо, хазинаи дороиҳои давлатӣ, мониторинги корхонаҳои азим, аудити дохилӣ ва дигар воҳидҳои сохторӣ таъсис дода шуда, шуъбаҳои молияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба раёсат, департамент ва минбаъд ба сарраёсату раёсатҳо табдил дода шуданд. Дар самти такмили низоми молиявии давлатӣ бо назардошти хароҷоти давлатӣ, харид ва ҳисоботи давлатӣ, ислоҳоти хазинадорӣ, мустаҳкам намудани иқтидори аудиторӣ, ҳисобдорӣ, татбиқи стандартҳои байналхалқӣ ва баҳисобгирии муҳосибӣ корҳои зиёд амалӣ карда шудааст.

Яке аз унсурҳои асосии ислоҳоти идоракунии низоми молиявӣ дар ҷумҳурӣ ин ташкили низоми иттилоотии равандҳои муомилоти молию пулӣ ва хазинадории буҷет, ҷорӣ намудани суратҳисоби ягонаи хазинадорӣ, стандартҳои муҳосибот ва нақшаи яккелаи суратҳисобҳо мебошад.

Қайд кардан зарур аст, ки бо супориши ҳукумати кишвар шабакаи ягонаи электронии иттилоотӣ байни Вазорати молия, Кумитаи андоз ва Хадамоти гумрук, ки фаъолияти низоми хазинадорӣ, андозу буҷет ва умуман идоракунии самараноки молияи давлатиро таъмин менамояд, ташкил карда шудааст.



Умуман, низоми идоракунии молиявӣ ин низоми устуворе мебошад, ки дар таъмини самараноки сиёсати молиявӣ, аз он ҷумла сиёсати монитарӣ, назорати молиявии давлат, рушди бозори коғазҳои қиматнок, суғурта, дастгириҳои молиявии соҳибкорӣ ва тайёр кардани мутахассисони соҳаи мазкур хизмат менамояд. Аз ин лиҳоз, мутахассисони вазорату идораҳо, донишгоҳу донишкадаҳои ҷумҳуриро лозим аст, ки тарғибу ташвиқи дастовардҳои молиявии кишварро фаъол намоянд. Донишкадаи молия ва иқтисод дар оянда метавонад як мактаби бузурги молиячиёнро ба вуҷуд оварда, дар тайёр намудани мутахассисони боэътимод ба соҳаҳои иқтисоди миллии ватанамон хизмат намояд.

**Эмомалӣ ШЕРАЛИЕВ,**
**декани факултети**
**молия ва қарз**

# ИҶЛОСИЯИ ТАҚДИРСОЗИ КИШВАР



Дар таърихи 16-уми ноябр то 2-юми декабри соли 1992 Иҷлосияи таърихии Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қасри Арбоби шаҳри Хуҷанд баргузор гардида, сохти конститутсиониро дар ҷумҳурӣ барқарор намуд ва заминаи мусоиде барои рушди ҷомеа, пеш аз ҳама, ба ҳастии кишваре бо номи Тоҷикистон асос гузошт ва меъёрҳои асосии ҷомеаи ояндаро муайян намуд.

Сарнавишти кишвари мо дар раванди ҷомеаи навини демократӣ баъди ба даст овардани истиқлолияти сиёсӣ дар соли 1991 бо фоҷиаи бузурги миллат - ҷанги шаҳрвандӣ бузургтарин хатарро ба сари халқу давлати тозаистиқлоли мо овард. Руҳияи нотавониву ноумедӣ аҳли ҷомеаро фаро гирифта, сохторҳои қудратии давлат фалаҷ гардид. Истеҳсолот аз фаъолият боз монда, самти муътадили инкишофи он вайрон гардида, дараҷаи зиндагии мардум рӯ ба харобӣ оварда, гуруснагиву қашшоқӣ минтақаҳои ҷангзадаро фаро гирифта, кишвари осудаву ороми моро ба минтақаи фоҷиабору ҷангзада табдил дод. Ҳама гуна муносибатҳои байнидавлатӣ аз байн рафта, дар кишвар оташи кинаву адоват, хунрезиву куштори байни якдигар, қатлу ғорат, гиряву нолаи ятимон ва модарони аламзада идома меёфт. Дастгоҳи фалаҷгардидаи Ҳукумати ҳамон давраи Тоҷикистон ҳама гуна қудратҳои худро аз даст дода буд ва минбаъд давлатро идора карда наметавонист. Қувваҳои сиёсии кишвар аз ду ҷониб – ҳомиёни давлати конститутсионӣ ва нерӯҳои қувваҳои мухолифин ба майдонҳо ба муқобили якдигар меҷангиданд.

Ба воқеаҳои сиёсии кишвар нигоҳ накарда, дар ҳамон рӯзҳои барои халқу давлат душвор комиссияи махсуси таъсисдодаи Ҳукумати Тоҷикистон масъалаи баргузории иҷлосияи навбатии Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро меомӯхт. Ҳамин тариқ, дар дохил ва беруни кишвар қувваҳои солими сиёсӣ, ки барояшон оромии Тоҷикистон муҳим буд, мекӯшиданд ҳарчи барвақт ин иҷлосияро баргузор намоянд. Танҳо интихоби мавқеи баргузории он зери суол буд, зеро дар он вақт дар шаҳри Душанбе ҷанги шаҳрвандӣ аланга мезад ва имкони пурраи баргузории чунин иҷлосия дар шароити ором набуд. Комиссияи ҳукуматӣ оид ба баргузории иҷлосия ба чунин хулоса омад, ки онро дар шаҳри Хуҷанд даъват намоянд, ки нисбатан ором буд.

Сабақҳои таърихи минбаъдаи Тоҷикистон дар роҳи ба эътидол овардани кишвар, раванди бавуҷудой, инкишоф ва мустаҳкам гардидани низоми сиёсии демократӣ собит месозад, ки дарвоқеъ, намояндагони мардумии Тоҷикистон дар он рӯзҳои вазнин бо мақсади тинҷию оромии кишвар кори бузургеро анҷом доданд, ки дар интихоби раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон хато накарданд ва чунин шахси бузургро ба майдони сиёсат ва давлати Тоҷикистон оварданд, ки минбаъд комёбиҳои ҳаётии сиёсиву иқтисодӣ, иҷтимоиву фарҳангии мамлакат бо номи ӯ сахт алоқаманд аст. Дар нахустин баромади худ дар Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олӣ ба ҳайси раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон даъват ба амал оварда, ҷонибҳои дар сангарҳои даргир истодаи кишварро ба сулҳу оштӣ даъват намуда, қайд карда буд: "Биёед, кинаву адовати байниякдигарии хешро ба як тараф монем, бародарвор бо ҳамдигар даст диҳем ва бо меҳнати софдилонаву бунёдкоронаи худ Ватани азизи хешро аз хатари ҳалокату порашавӣ наҷот бахшем ва онро ба давлати тараққикардаи соҳибистиқлол табдил диҳем".

Воқеан, Эмомалӣ Раҳмон халқи гирифтори нобудиро наҷот дод, ҷон дар кафи даст душманонро ба оғӯш кашид, ҷинояткоронро афв кард, зиёда аз як миллион нафар гурезаю муҳоҷирони иҷбориро ба Ватан баргардонида, ба миллати мотамзада сулҳу ваҳдат ва суботу амният овард. Ӯ пояи давлатдориро дубора аз сифр бунёд намуда, ҳуқуқро бо ғояҳои анъанавию миллӣ тарҳрезӣ кард, низоми молияро аз хазинаи холии тороҷшуда, лашкарро бо фармондеҳони кироя бунёд намуд, неъмати озодиву соҳибдавлатиро барои ташнагони беш аз ҳазорсола эҳдо кард, садои модари тоҷикро ҳамчун модари миллати соҳибдавлат то ба созмонҳои байналмилалӣ расонида, мардуми парешонро атрофи дастархони сиёсии миллат муттаҳид кард.

Дар як ҳадиси ҳазрати Муҳаммад (с) омадааст: "Ҳама корҳо вобаста ба ният аст". Нияту мароми Пешвои мо, ки нек буд, ҳама ба некӣ анҷомид. Ӯ қадам ба қадам ҳар лаҳза ва ҳар замон ба умеди ваҳдат ба нияти субот фикр мекунад, ҳарф мезанад. Ин ҳамаро мо на танҳо мебинему мешунавем, балки бо қалбу рӯҳ дарк мекунем ва аз ин мактаб дарс ва ҳадиси ватандорӣ меомӯзем.

Ҳамин тариқ, заминаҳои воқеӣ дар кишвар омода гардид, ки ба воситаи он пеши роҳи ҷанг ва дигар харобиҳои кишвар гирифта мешуд. 6-уми ноябри соли 1994 нахустин Конститутсияи кишвар аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардида, низоми сиёсӣ ва ҳуқуқии кишвар дар раванди усулҳои ҷомеаи демократӣ мустаҳкам гашт. Дар кишвар барномаҳои мушаххас баҳри инкишофи ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ қабул гардид. Самтҳои асосии сиёсати давлат дар ҳамаи ҷабҳаҳо, ба мисли сиёсати иҷтимоии давлат, сиёсати ҷавонон, сиёсати давлат оид ба занон, сиёсати давлат оид ба дастгирии ятимон, бепарасторон, пиронсолон ва ҳамзамон сиёсати хориҷии кишвар воқеъбинона буда, дурнамои минбаъдаи моро муайян мекунанд. Ҳамаи ин комёбиҳои мо дар маҷмӯъ ба Иҷлосияи 16 Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобастагии қарин доранд, зеро маҳз дар ҳамин Иҷлосияи таърихӣ роҳи ба эътидол овардани кишвар, заминаҳои асосии бунёди ҷомеаи нави демократӣ дар Тоҷикистон роҳандозӣ гардид.

Беҳуда нест, ки ин иҷлосияро сарнавиштсоз меноманд, зеро ин иҷлосия воқеан тақдири халқамонро рақам зада буд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон зикр намудаанд: "Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯйдоди воқеан таърихӣ мебошад, зеро маҳз дар ҳамин иҷлосия тақдири ояндаи давлати миллии тоҷикон тарҳрезӣ гардид ва ба сӯи ҳадафҳои бузурги умумимиллӣ, сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ қадамҳои нахустин гузошта шуд".

Бо назардошти моҳият ва нақши созандагии худ иҷлосияи мазкур аз ҷумлаи рӯйдод ва воқеаи рангини таърихи миллати тоҷик буда, ба сарнавишти ҳаётии халқу давлати навини тоҷикон дар давраи соҳибистиқлолии кишвар ва раванди бавуҷудой, инкишоф ва мустаҳкам гардидани низоми сиёсии демократӣ дар Тоҷикистон мусоидат намудааст. Ҳамин аст, ки иҷлосия бо гузашти солҳо қимату манзалати хешро боз ҳам афзун намуда, дар ёду хотираҳои насли муосири тоҷик чун машъали азизу муътабар пойдор боқӣ мемонад.

**Иқбол ҶОБИРОВ,**
**ассистенти кафедраи**
**фанҳои гуманитарӣ**

**Соли 2016 шумораи сокинони сайёра тақрибан ба 7,433 миллиард нафар расид.**

ТАҲЛИЛ ВА ТАВСИЯҲО

# АЙБИ УСТОД АСТ, АГАР РОҲГУМ ЗАНАНД ШОГИРДҲО...

**Омӯзгори бовиҷдон бояд тамоми умр хонанда бошад. А.М. Горкий**

Тайи ду соли охир раёсати ДМИТ бо иқдоми наҷиб ва оқилона ташаббусе нишон медиҳад, ки ин дар роҳи расидан ба ҳадаф ҷиҳати болобурди сатҳу сифати таълиму тарбия, инкишоф ва ҷаҳонбинии илмии донишҷӯён – мутахассисони оянда корест хайр. Ба он маъно, ки тавассути ташкили курсҳои омӯзишии «Маҳорати педагогӣ» барои устодони ҷавону камтаҷриба то ҷое фаъолияти педагогӣ самарманд ва натиҷаи дилхоҳ ба бор меорад. Вобаста ба такмили ихтисос ва дар ин замина ташаккулдиҳии дониш, малака ва маҳорати педагогӣ, мукаммалсозии касбият, тавсеаи доираи ҷаҳонбинии соҳавӣ, ошноӣ аз нозукиҳои касб ва психологияи педагогӣ устоди муассисаи таҳсилоти олии касбӣ имкон пайдо мекунад, ки ҳамчун муаллими муваффақ ба комёбӣ ноил гардад.

Чун ҳадафи мо омодасозии мутахассисони дар бозори меҳнат рақобатпазир аст, пас моро мебояд, ки муҳим аз ҳама, барои таъсири мусбат расондан ба ҷараёни таълим устодони болаёқату доната ва диҳандаи донишҳои касбиро ҷалб созем. Ба ҳолат ва сифати ҷараёнгирии таълим беэътиноӣ зоҳир накарда, дар ин самт ҷиддӣ муносибат дошта, ташкили машғулиятҳоро вобаста ба тақозои даврони пешрафта, бо истифодаи техника ва технологияҳои навини таълим тавассути методҳои пурсамари фаъоли омӯзиш бояд таъмин сохт. Ҳамин аст мақсад аз ташкили курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии алоқамандони соҳаи таълиму тарбия.

Тазаккур бояд дод, ки дуруст ва оқилона ба роҳ мондани раванди таълим як навъ такон-бахшанда дар самти донишаз-барнамоии мутахассисони оянда аст. Ҳамчунин бо дарназардошти дархости замони муосир шаҳрвандони дорои тафаккури баланди эҷодиро бояд ба ҷомеа ва ба истеҳсолот пешкаш кард. Талаботи бозори меҳнат ҳам дар ҳамин аст, ки мутахассисони сергайрат ва ҳамаҷониба рушдёфтаро омода созем.

Акнун меоем сари мақсад. Ба андешаи банда, ки солҳои мадид дар соҳаи маориф ва илм фаъолият бурдаву то ҷое дар ин ҷабҳаи пурмашаққат, вале шарафманд маълумот ва таҷрибаи кофӣ ҳосил намудам, илми таълимшиносиро аз ҳеҷ илм кам намедонам. Зеро донистани ин илм ба омӯзгорон ва махсусан ба устодони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишварамон чун обу ҳаво зарур аст.

Дар дарсҳои муаллимон иштирок карда, аз мушоҳидаву шунидаҳо ва таҳлили воқеъбинона натиҷагирӣ намуда, ба онҳо дастуру маслиҳатҳои аз назари педагогиву психологӣ муфид додан басо аҳамияти калон дорад.

Зимни санҷиши дарсҳои лексионӣ ва амалии ассистентон, ки роҳбарии гурӯҳи кориро ба зимма доштам, муваффақияту камбудиҳои кори омӯзгоронро мушоҳида кардам. Дарвоқеъ, муаллимони ҷавон барои сифатнок гузаронидани машғулиятҳо зиёд сайъ менамоянд. Аз рӯи виҷдон бо масъулияти баланд ва ҳисси дилсӯзӣ ба миллат ва оянда он азм доранд, ки бо роҳи худомӯзӣ, мутолиаи адабиёти педагогӣ, соҳавӣ, такмили ихтисос, мушоҳида ва дигар воситаҳои маълумотгириву таҷрибаҳосилнамоӣ фаъолияташонро самараовар гардонанд.



Вале, мутаассифона, на ҳамаи омӯзгорон тавре ки сифат кардем, ҳастанд. Вақто ки ба кори таълиму тарбия сар-сарӣ муносибат мекунанду назари дигар доранд ва ҷаҳди қадаме пештар монданy дар ин самт комёб шуданро надоранд, завқи муаллимӣ ҷӯш намезанад ва пайдост, ки машъали донишандӯзии шогирдонро хомӯш месозанд.

Чунончӣ, мавзӯи навро ба таври зарурӣ шарҳ надода, мақсади онро возеху равшан намесозанд. Диққати ҳамаи донишҷӯён ҷалб карда нашуда, дар ин баробар фаъолнокии маърифатҷӯии онҳо мушоҳида намешавад. Тақсимоти вақт пурсамар истифода бурда намешавад. Забони давлатӣ низ дуруст истифода нашуда, имло ва қоидаҳои он аз сӯи муаллимону донишҷӯён ба таври зарурӣ риоя намегардад.

Асосан ҳар кадом устоди муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бояд кӯшиш ба харҷ диҳад, ки мавзӯъҳои дарсиро бо равияи тахассусии донишҷӯён, бо истеҳсолот, бо илм, таҷриба, бо шароит ва ҳаёти имрӯза алоқаманд созад. Вале ин на танҳо дар дарсҳои ассистентони собиқаи кории камдошта ва камтаҷриба, балки дар дарсҳои муаллимони собиқадор низ мушоҳида карда намешавад.

Камбудиҳои дигарро низ дидем, ки муаллимони ҷавон дар идора ва ҷалби ҳамаҷонибаи донишҷӯён дар раванди дарс ба мушкилот дучор меоянд. Бо шумораи ками донишҷӯён кор бурда, ба боқимонда камтар эътибор медиҳанд. Илова бар ин, ҷамъбастнамоиро ба назар намегиранд. Ҳол он ки ҷамъбаст, натиҷа ва хулосабарорӣ аз муҳимтарин рукнҳои дарс ба ҳисоб мераванд. Мустаҳкамкунии мавзӯъ ва ҷамъбастнамоии дарс аз қобилияти омӯзгор вобастагӣ дорад. Албатта, ин ҳолат бештар дар дарсҳои муаллимони навкор ва камтаҷриба ба чашм мерасад.

Чунин амал ва тарзи муносибат аз назари таълимшиносӣ ва тактҳои педагогӣ камбудӣ маҳсуб ёфта, дараҷаи азхудкунии дониш, малака, маҳорат, инкишофи зеҳнӣ ва ҷаҳонбинии илмии донишҷӯён-мутахассисони ояндаро коста мегардонад, ки ин дар маҷмӯъ ба сатҳу сифати таълиму тарбия таъсири манфӣ мерасонад.

Ҳамагон бояд пайи ислоҳи норасоиҳои ҷойдошта ва ошкоргардида пардохт. Зеро ҳисси масъулият намегузорад, ки ба ин масъала бефарқ муносибат дошта бошем. Роҳи раҳоиро аз ин ҳолат танҳо дар такмили ихтисос, гузаштан аз курсҳои омӯзишии маҳорати педагогӣ, худомӯзӣ, ҳамчунин ба дарсҳои муаллимони пешқадам ва соҳибтаҷриба дохил ва аз он таҷриба ҳосил кардан ва ғайра мебинем. Барои тақвияти андешаҳо ин ҷо яке аз шартҳоро, ки дар пеши муаллим меистад, ба ёд меорем: «омӯзед, то омӯзонед». Дар ин ифода маънҳои зиёд нуҳуфтааст.

Месазад бигӯем, ки нисбат ба пешаи омӯзгорӣ дар дил ҳавас, завқ, истеъдод ва муҳаббату дилбохтагӣ ба он набошад, наметавон дар ин ҷода комёб гашт. Ҳамин гунае, ки дар ин байт омадааст:

**Ҳар касеро баҳри**
**коре сохтанд,**
**Меҳри онро дар**
**дилаш андохтанд.**

Ҳамчунин олимони соҳаи педагогика ишора менамоянд, ки маҳорати педагогии муаллим, пеш аз ҳама, тавонистани ташкили раванди омӯзишро ифода мекунад, ки дар ҳар гуна шароит, ҳатто дар вазъияти ноқулай ҳам ба сатҳи тарбия, инкишоф ва дониши муҳассилин натиҷа меоварад. Муаллими ҳақиқӣ ҳама вақт ба ҳар саволи ғайриҷашмдошт ҷавоб ёфта метавонад.

Сухан сари ин аст, ки оё мо метавонем бо ҳамин тарзи муносибат ба таълим мутахассиси рушёфтаи дар бозори меҳнат рақобатпазирро тарбия ва ба ҷомеа пешкаш намоем, ки ин мазмунро бузурге ҳирадмандона чунин оварда:

**Айби устод аст, агар**
**роҳгум score зананд,**
**Бе чароғи маърифат**
**шогирдҳо.**

**Саъдулло НОСИРОВ**

Бахшида ба Рӯзи мубориза бо коррупсия

# ИШТИРОКИ ҶОМЕА БАР ЗИДДИ АМАЛҲОИ КОРРУПСИОНӢ

**КОРРУПСИЯРО ҶОМЕА НЕСТ КАРДА МЕТАВОНАД, АГАР...**

Инсон дар фаъолияти ҳаррӯзаи худ ба масъалаҳое мевонад рӯ ба рӯ шавад, ки ба ҳаёт ва ҷомеа бевосита халал ворид мекунад. Яке аз он халалҳое, ки ба таъмини ҳуқуқи инсон ва тартиботи ҷамъиятӣ зарар мерасонад, амалҳои коррупсионӣ мебошад. Коррупсия ё худ фасод ба гурӯҳи кирдорҳое дохил мешавад, ки таъсири беамони худро барои амалишавии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ мерасонад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки коррупсия яке аз ҷиноятҳоест, ки ибтидояш аз замони муосир набуда, балки яке аз кирдорҳои ғайриқонунии дорои таърихи куҳан аст. Вале бо мурури замон танҳо инкишоф ва содиршавии он ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиш овардааст. Аз ин ҷост, ки имрӯзҳо коррупсия ба яке аз муаммоҳои ҷаҳонӣ табдил ёфтааст.

Фарҳанги инсонӣ аз давраҳои пеш кирдорҳои ришвадиҳию ришвраситониро қабул накардааст. Барои ҳамин таълимотҳое, ки дар як давраи таърихӣ рушд ва арзи ҳастӣ доштанд, бевосита дар меъёр ва қоидаҳои худ амалҳои коррупсиониро таҳқир карда, ҳамчун кирдори сазовори ҷазо эътироф кардаанд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ барои бартараф кардани амалҳои коррупсионӣ сиёсати зиддикоррупсиониро яке аз вазифаҳои муҳим қарор дода, Стратегияи муқовимат бо коррупсияро барои солҳои 2013- 2020 қабул кардааст. Дар баробари ин, ҷумҳурии мо ба як қатор санадҳои байналмилалии мубориза бар зидди коррупсия ҳамроҳ аст.

Иштироки ҳамаи ниҳодҳои ҷамъиятӣ дар решакан кардани амалҳои коррупсионӣ дар ҷомеа яке аз роҳҳои ба ҳадаф расидан мебошад. Банда мехоҳам назари худро дар мавриди нақши ҷомеаи шаҳрвандӣ, бахусус ҷавонон дар решакан кардани амалҳои коррупсионӣ баён созам.

Яке аз хатарноктарин паёмади коррупсия ин ба мафкураи ҷомеа таъсири манфии худро расонидани он аст. Ҷомеаи имрӯзаимо, ки ҳафтод фисадашро ҷавонон ташкил медиҳанд, пас гуфта метавонем, ки коррупсия таъсири худро маҳз ба ҷавонон мерасонад. Коррупсия, дар ҳақиқат, яке аз зуҳуроти номатлубест, ки ҳангоми пахн гаштан дар ҷомеа муаммоҳои зиёдро ба вуҷуд меорад. Фасодро бархе аз афрод дар ҷомеа омили таъмини зиндагӣ мепиндоранд. Борҳо аз муносибати байни шаҳрвандон чунин суханҳо шунида мешаванд, ки «маоши давлат чӣ мешавад» ё «мо ҳам зиндагӣ дорем», ё аз забони порадиҳанда «ӯ ҳам зиндагӣ дорад».

Масалан, ҷавонон бар он назаранд, ки пас аз хатми мактаби олӣ ҷои кор ёфтан басо мушкил асту восита лозим ё ягон маблағ. Аммо ман фикр мекунам, ин ақида нодуруст аст. Лек, мутаассифона, ҳастанд ҷавононе, ки инро қабул доранд. Ин корест ғалат ва ба гуфтан мумкин аст, ки ҳамин нафарон рушддиҳандаи амалҳои коррупсионианд.

Нақши ҷомеаи шаҳрвандӣ дар мубориза бо коррупсия аҳамияти калон дорад. Чунки амалҳои коррупсионӣ дар худи ҷомеа, яъне дар байни шаҳрвандон сурат мегирад. Ҷомеа бояд ба як қатор саволҳо барои муқовимати коррупсия ҷавоб диҳад ва андеша кунад. Мисол, ин андешаҳо дар ҷавонон аз куҷо пайдо шуданд?, шумо кадом роҳҳои мубориза бо коррупсияро медонед?, ба фикри шумо амалҳои коррупсионӣ бештар дар кадом соҳа ба чашм мерасанд?, назари шумо ба ояндаи ҷомеаи коррупсионӣ чӣ гуна аст?, ба фикри шумо, ҷаро шахси мансабдоре, ки шароити зиндагиаш баланд аст, боз ба амалҳои коррупсионӣ даст мезанад?, коррупсия ин одат аст, ё ки дар натиҷаи таъсири муҳит содир мешавад, назари шумо?.

Сарчашмаи тарбияи ҷомеа ин оила ва мактаб аст. Имрӯзҳо дар оила ва муассисаҳои таҳсилоти миёна низ сар задани амалҳои коррупсионӣ ба чашм мерасанд. Барои мисол, фарзанд хоҳ писар ё духтар, ки дониши кофӣ надорад, ҳангоми ба муассисаи таҳсилоти олӣ дохил шуданаш ба таҳлука меафтад. Падар, бародар ё ягон хешу табораш ба ӯ ваъдаи дохилкуниро медиҳад. Мехоҳам як нуктаро кушоду равшан баён кунам. Мушоҳида мешавад, ки имрӯз волидон ба сатҳи иҷтимоӣ нигоҳ накарда, кормand аст ва ё ягон роҳбар кӯшиш мекунанд, ки фарзандашон новобаста аз он ки дониш дорад ё не, ба маҷмӯи донишҷӯ меарзад ё намеарзад, дар макотиби олӣ таҳсил намояд. Барои ин роҳ меҷӯянд.

Ана, ин аст мусоидати оила ба коррупсия дар баъзе табақаҳои ҷомеа. Шояд баъди хондани ин андешаҳо баъзеҳо ба фикр фурӯ раванд. Лекин коррупсия танҳо ин додани пора ба гирифтани он нест. Непотизм ва протексионизм (ҷӯрабозӣ ва хешутаборчигӣ) ҳам коррупсия мебошад.

Хулоса, яке аз роҳҳои мубориза бар зидди амалҳои коррупсионӣ дар ҷомеа ин аввал, баланд бардоштани дониши ҳуқуқии шаҳрвандон, бахусус ҷавонон, дуюм, пурзӯр кардани ҷораҳои ҷавобгӣ дар қонунгузорӣ, сеюм, баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ ва донистани оқибати амалҳои коррупсионӣ дар ҷомеа мебошад.

**Фирӯзи ТАЛБАК,**
**магистранти курси 1**

9-уми декабр - Рӯзи байналмилалии мубориза бар зидди коррупсия

# СУҒУРТА - ОМИЛИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТ



Аз давраҳои қадим инсон мекӯшад, ки корҳояш ба низом бошад. Кирдораш аз асорати мол, шаҳват ва фасодӣ раҳо ёфта, дар ӯ асҳоби покӣ макон ёбад ва мустаҳкам гардад. Молу амволаш зарар набинанд ё бар ивази зиёни расида арзиши ӯ ҷуброн гардад. Маҳз ба ҳамин мақсад, молу амволашонро бима (суғурта) менамуданд. Ҳамин тавр, аз аввал то ба имрӯз пайдоиш ва тараққиёти суғурта як навъ арзиши хос аз тариқи бо боварӣ ба кору фаъолият машғул будани шахсро дар бар мегирад.

Бинобар ин ба ақидаи мо, мазмун ва мундариҷаи суғурта маънии васеъ дорад. Дар гузашта суғуртаро «бима» меномиданд, ки аз назари мо чунин маъно дар раванди кору фаъолият як навъ муайянкунандаи воҳима ва ҳарос буд. Хуб мешуд, ки агар маънии суғуртаро ба истилоҳи имрӯза ҳамчун як фишанги бо боварӣ пеш рафтан ва таъмини мунтазами истеҳсол ва хизматрасониро фароҳамкунанда васеъ истифода барем.

Масалан, дар мавриди шарҳ додани иқтисоди миллӣ суғурта бояд ҳамчун омили таъминкунандаи мунтазамии истеҳсолот ва хизматрасонӣ бошад. Ба он маъно, ки аз нигоҳи фаъолияти амалӣ тамоми амалиётҳои суғуртавӣ дар замони имрӯза ба ҳамин маънӣ мақоми идоравӣ пайдо намояд. Лекин мутаассифона, имрӯз мо асосан ба чунин зермаъное дучор омадаем, ки дар ҳамаи дастурҳои таълимии ватанӣ маънои суғурта хавф буда, дар ҳамин замина маънӣ талқин карда мешавад. Яъне, на ба он маъно, ки дар асл суғурта ҳамчун фишанги танзимкунанда дар рушди нишондиҳандаҳои микро ва макроиқтисодӣ баромад мекунад. Мо боварӣ дорем, ки дар оянда бо ҳамин маънои аслии худ суғурта таъминкунандаи иқтисоди миллӣ баромад хоҳад кард.

Айни ҳол суғурта яке аз тарзҳои таъмини амнияти иқтисодӣ ва пойдории некӯаҳволии моддист, ки оянда бинии оқилонаро тақозо мекунад. Онро аз давраҳои қадим ба сурати як унсури асосӣ барои ҳаёти инсон истифода мекарданд.

Саромади суғурта чунон ба гузаштаҳои дур меравад, ки вақти муайяни пайдоиши онро аниқ намудан имконнопазир аст. Ҳанӯз дар ҷамъияти ғуломдорӣ созишномаҳои ихтиёрие мавҷуд буданд, ки намунаҳои шартномаи имрӯзаи суғуртаро дар худ доштанд. Қоидаҳои қадимтарини суғурта, ки то ба мо омада расидаанд, дар яке аз китобҳои Талмуд зикр ёфтаанд. Агар ҳайвоне аз галаи ронандагони маркабҳо ҳалок шавад, мутобиқи нишондоди Талмуд дигар ронандагони маркабҳо мувазаф мешуданд, ки бар ивази маркаби ҳалокшуда маркаби дигаре чудо кунанд, аммо на маблағи арзиши онро. Аллакай дар ҳамон вақт принсипи муҳимми суғурта асос ёфта буд, яъне ҳифзи суғуртавӣ набояд ба бойшавӣ хизмат кунад.

Дар мамолики хоҷагии бозоргониашон тараққикарда суғурта бахши стратегии иқтисод маҳсуб меёбад. Мутаассифона, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон суғурта ҳанӯз ба ҷузъи ҷудонашавандаи иқтисоди миллӣ табдил наёфтааст. Дар тафаккури бисёр шаҳрвандон ва соҳибкорон фаҳмиши дурусти моҳият ва таъиноти суғурта мавҷуд нест. Дар давраи Иттифоқи Шӯравӣ, яъне дар системаи ғайрибозории хоҷагидорӣ, ҷуброни зарар аз офатҳои табиӣ ва дигар ҳодисаҳои ғайричашмдошт асосан аз ҷониби давлат пардохта мешуд, барои ин давлат аз буҷа маблағ ҷудо мекард, яъне системаи суғурта нақши ёрирасонро мебозид.

Соҳибони моликият дар солҳои гузашта байни худ дар бораи истеҳсолот ва моликияташон, нигоҳдорӣ ё пардохти зарар аз ҳодисаҳои ногаҳонӣ шартнома баста, аз хизмати суғурта истифода мекарданд.

Товони зарарро аз ҳисоби маблағҳои ҷамъшуда, ба таври натуралӣ ё пули нақд байни худ тақсим мекарданд. Ҳамин тавр, аз рӯи фаҳмиш ва собиқаи кории онҳо сол то сол аъзои чунин ҷамъиятҳо зиёд шуда, кори суғурта ва суғуртакунии молу амвол аз ҳодисаҳои нохуш вусъат меёфт. Бо чунин сабабҳо фаҳмиши суғуртавӣ пайдо шуда, тараққӣ ёфт ва мукаммал гашт.

Суғурта ба давлат ва ҷамъият ҳама вақт нафъи калон мерасонад. Дар солҳои охир баробари зиёд шудани маблағҳои суғуртавӣ ҳақгузории он ба зарардидагон ва дохил шудани маблағ ба буҷети ҷумҳурӣ меафзояд ва дар ғанӣ гардонидани қисми даромади буҷет саҳмгузор мебошад. Маблағҳои ба буҷаи ҷумҳурӣ воридшуда барои ободонии кишвар, маоши кормандони соҳаи буҷавӣ, стипендия ва нафақа равона карда мешавад.

Ҳамзамон агар рушд гирифтани фаъолияти суғуртавиро аз ҳисоби ба ҳар як нафари аҳолӣ ба назар гирем, ин нишондиҳанда соли 2014 чунин буд (воҳиди асъори хориҷӣ): Ҷопон – 4390, Британияи Кабир – 4497, Русия – 297, Чин – 158, Ҳиндустон – 64.

Дар ҳамин давра нишондиҳандаи номбурда дар Тоҷикистон ба 16,55 воҳиди асъори миллӣ рост меомад. Суғуртапулии нисбӣ дар соли 2015 каме афзуда, ба 17,13 воҳиди асъори миллӣ баробар шуд.

Ҳамин тавр, самти пешбарии фаъолияти суғурта дар кишвар имкониятҳоеро дар худ нигоҳ медорад, ки дар робита ба кори диверсификатсияи маҳсулоти суғуртавӣ, ба роҳ мондани фишангҳои самаранoки идоракунии онҳо аз чунин имкониятҳо васеъ истифода барем:

- васеъгардонии коркарди маҳсулоти суғуртавӣ ва хизматрасонии бевосита ба талабот нигаронидашуда;
- истифодаи таҷрибаи равобити гуногунҷабҳаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар доираи хизматрасониҳои суғуртавӣ;
- ташаббускорӣ ва таъмини устувории ташкилотҳои суғуртавӣ аз ҳисоби дастовардҳои илмӣ-техникӣ, малакаю маҳорати идоравии муосир;
- қабули қарорҳои идоракунии молияи давлатӣ дар робита ба дастовардҳои суғуртавӣ;
- васеъ фаро гирифтани теъдоди муҳоҷирони меҳнатӣ ва мувофиқан пеш гирифтани капитализатсияи захираҳои суғуртавӣ.

Дар урфият мегӯянд, ки фалокат аз таги по мехезад ва ҳар лаҳзаю ҳар соат ба он дучор шудан мумкин аст. Барои ҳамин инсон бояд фикр намуда, зиндагӣ кунад.

Суғурта ба шумо кумак намуда, кафолат медиҳад, ки дар мавриди рух додани ҳодисаҳои нохуш зарари ба шумо расидаро саривақт ҷуброн намояд ва дар лаҳзаҳои душвортарин бе мададгор нахоҳед монд.

**Ҷовидон ХАЛИФАЕВ, донишҷӯи курси 3, ихтисоси суғурта**

# ТАЪМИНИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ИНСОН



Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон ҳуқуқҳои одитарини ҳар як нафар - озодии сухан, дин, матбуот, ҷамъомад, омӯзиши кор ва роҳои аз ғуломию истисморро фаро гирифтааст. Эъломияи мазкур ҳуқуқро на мансуби ин ё он миллату нажод ё мазҳабу мамлакат, балки мансуби тамоми аҳли башар донист. Чӣ тавре, ки аз моддаи 1-и он бармеояд: "Тамоми одамон озод ва аз нигоҳи шаъну шараф ва ҳуқуқҳо баробар ба дунё меоянд. Ҳамаи онҳо ақлу виҷдон доранд ва бояд нисбат ба ҳамдигар бародарвор муносибат кунанд".

Тибқи маълумоти китоби "Рекордҳои Гиннес" эъломия паҳншудатарин санад дар ҷаҳон аст, ки тамоми ҳуқуқу озодиҳои инсонро фарогир буда, ҳамчунин аз лиҳози тарҷума бо забонҳои дунё дар ҷойи аввал қарор дорад. Бузургтарин дастоварди эъломия ин аст, ки як зани бенаво дар Африқо ва ё муҳоҷире дар Русия медонад, ки ҳуҷҷате ҳаст, ки онҳоро ҳимоя менамояд ва бояд барои ҳифзи ҳуқуқҳои худ мубориза баранд.

Дар охир ба тамоми он шахсоне, ки дар оянда хоҳиши ҳуқуқшинос ё дар ҷодаи ҳуқуқи инсон кор ва фаъолият карданро доранд, тавсия доданиам, ки дар баробари аз худ намудани Конститутсия, қонун ва дигар кодексҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ин эъломияро пурра аз худ намоянд, зеро ки он барои такмил додани дониши ҳуқуқӣ заминаи муҳим мебошад.

**Мирзошариф АМИРАЛИЗОДА, донишҷӯи курси 1, факултети менеҷмент ва ҳуқуқи молиявӣ**

# РАВАНДИ МУҲОҶИРАТ ВА ПАЁМАДҲОИ ОН



Дар таърихи ба даст овардани соҳибихтиёрии тоҷикон раванди муҳоҷирати меҳнатӣ ва паёмадҳои он аз масъалаҳои муҳимми давлатдорӣ маҳсуб меёбад. Дар замони муосир муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷ танҳо як падидаи иҷтимоию иқтисодӣ набуда, паёмадҳои таъсиррасоне ба сиёсати давлатӣ, ҳувияти миллӣ, генофонди миллат, фарҳанги динӣ, таъсир ба тарбияи ҷавонон ва донишу малакаи онҳоро низ дорад.

Муҳоҷирати меҳнатӣ яке аз зуҳуроти глобалӣ ва раванди бузурги ҷаҳонӣ мебошад. Тибқи пешбиниҳои Созмони ҷаҳонии меҳнат, то соли 2050 шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ дар ҷаҳон ба 450 млн нафар мерасад. Вобаста ба шароити имрӯза кишвари моро зарур аст, ки ба раванди муҳоҷират ҳамчун воқеият муносибат намуда, дар шароити ҷаҳоншавӣ ҳамчун як роҳи табиии касбу кор ва таъмини рӯзгор нигарем.

Раванди муҳоҷират дар назди давлат вазифа мегузорад, ки барои боз ҳам камтар намудани паёмадҳои манфии он тадбирҳо андешида, ба самти мақсаднок ва ҳадафмандона равон намудани неруи муҳоҷирон талош намояд. Зеро аҳамияти масъалаи мазкур барои оянди давлатдории миллии тоҷикон аз се самти стратегии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон - раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, расидан ба истиқлолияти энергетикӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ камтар нест. Яъне, сиёсати давлатӣ дар самти муҳоҷирати меҳнатӣ бояд ба афзалиятҳои пазируфташудаи стратегии кишвар мубаддал гардад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ тадриҷан бештари ҷавонони кишварро фаро гирифта истодааст. Ҳатто баъзе наврасон мактаби миёнаро хатм накарда, рӯ ба муҳоҷират меоранд. Тадқиқоте, ки аз ҷониби Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти ҶТ гузаронида шуд, маълум гардид, ки бештар аз 70%-и муҳоҷиронро ҷавонони синну соли 17-29 сола ташкил менамоянд.

Тибқи маълумотҳо танҳо дар соли 2012 50 ҳазор ноболиғон ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтаанд.

Муҳоҷирати меҳнатӣ дар худ омилҳои манфӣ ва мусбати зиёде дорад. Сабабҳои мусбати муҳоҷират дар он аст, ки ҷаҳонбинии ҷавонон васеъ ва сатҳи забондониашон бой гардида, аз ҳисоби маблағҳои интиқолнамудаи онҳо сатҳи нодорӣ паст шуда, иқтисоди мамлакат пеш меравад. Маълумотҳои оморӣ нишон медиҳанд, ки маблағҳои пулии интиқолгардида дар соли 2015 1,2 млрд доллари ИМА-ро ташкил медиҳанд. Яке аз паёмадҳои манфии муҳоҷират дар он аст, ки бештари ҷавонони мо саводи кофӣ надоранд ва ба гурӯҳҳои манфиатҷӯ шомил шуда, ҷони ҷавонӣ хешро зери хатар мегузоранд. Аз рӯи навиштаҳои ВАО маълум мегардад, ки аксарияти ҷавони тоҷики дар гурӯҳи террористии бо ном «Давлати исломӣ» шомил гардида, маҳз тавассути муҳоҷирати меҳнатӣ ба ин гурӯҳ пайвастаанд, ки тақдири бештари онҳо фоҷиабор ба анҷом расида, гумон дорам, ки аз кардаи худ пушаймонанд.

Бархе аз муҳоҷирони дигар дар муҳоҷират оилаи нав бунёд карда, умеди ба ватан баргаштанро надоранд, ки боиси вайроншавии бештари оилаҳои ҷавон мегардад.

Бояд гуфт, ки ҳам паёмадҳои мусбат ва ҳам оқибатҳои манфии муҳоҷирати меҳнатӣ аз худи раванди он вобаста набуда, ба фаҳмиш, андеша ва ҷаҳонбинии худи муҳоҷирон рабт дорад.

**Ҷурабек САНДАЛОВ, донишҷӯи курси 3, факултети молия ва қарз**

Соли ҷорӣ теъдоди аҳолӣ 1,1 дарсад ё худ 80,8 миллион нафар афзуд.

# МУОШИРАТИ ХУБ НИШОНИ ОДАМГАРИСТ

Бузургон одобро ҷавҳари ақлу хирад гуфтаанд ва инсон аз махлуқоти дигар бо ақлу хиради худ фарқ мекунад. Касе, ки онро надорад, зоҳиран намуди инсонӣ дошта, ботинан аз ин сифат маҳрум аст. Ақлу хирад модарзод бошад ҳам, дар ташаккули он аҳамияти тарбия ниҳоят калон аст. Шахсе, ки ақли солим дораду лекин тарбия надида, аз илму фарҳанг бебаҳра мондааст, одобу фаросатеро нахоҳад дошт, ки онро ҳаёти имрӯзаи ҷомеа, муносибату муошırати одамон тақозо менамояд.

Воқеан, ақлу хирад қобилияти андешаронии мантиқии эҷодкоронаи фард, асосу дараҷаи олии идрок ва ояндабинии он мебошад. Одоб, рафтору гуфтори нек бошад, маҳсули ақлу хирад, тарзи иҷрои амал маҳсуб мегардад. Шахсе, ки аз ақлу хирад муфлис аст, барои фикру андешаи оқилонаву шоиста қобилият надорад. Дар хусуси чунин афрод Мавлоно Ҷомӣ гуфтааст:

**Чашми мушаббаҳ зи ҷамоли**
**ту кур,**
**Ақли муназзаҳ зи камоли ту дур.**

Одобу ахлоқ омили муҳимми танзимкунандаи рафтору кирдори фард дар ҳаёти ҷомеа ва шумор меравад. Хислатҳои беҳтарини инсон - софдилӣ, вафодорӣ, поктинатӣ, ҳақгӯӣ, некиродагӣ ва амсоли инҳо маҳз аз чашмаи ақлу хирад ва фаҳму фаросат об мехӯранд.

Одам дар заминаи ақлу хирад, виҷдони пок ва одоб беҳтарин ва накутарин амалҳои инсонии хешро зоҳир месозад.

Шахси боодоб нексиришт аст. Вай ба худписандӣ, ҳавобаландӣ ва бадахлоқӣ роҳ намедиҳад. Ҳар калому иқдоми худро ҳамаҷониба ва амиқ андеша мекунад, мекӯшад, ки бо рафтору кирдори беэҳтиётона ва нопокаш дили дигаронро ранҷонад, ба касе зарари моддиву маънавӣ нарасонад, обрӯю эътибори худ ва каси некхоҳи дигарро нарезонад, номи некашро доғдор намекунад. Одоб, ахлоқ бунёди маънавии инсон ва ҷомеа мебошанд, саодатмандӣ дар зиндагӣ, пирӯзӣ дар кору фаъолият, комёбӣ дар таҳсилу хониш аз одоб ва фарҳанг бевосита вобаста аст. Ахлоқи писандида ва хушхӯӣ аввалан дар муносибат ва одоби муошират зоҳир мегардад. Услубу адаби муомилаву одоби муошират паҳлуҳои гуногун доранд. Он одоби салом, одоби сухан, одоби роҳ рафтан, одоб бо волидайн, одоб бо устодон, одоб бо дӯстдорону ошноён, одоб бо ҳамсоягон, одоби хариду фурӯш, одоби ба бозор рафтан, одоб дар ҷойҳои ҷамъиятӣ ва ғайраро дар бар мегирад. Қонуну қоидаҳои ахлоқи ҳамида ва одоби муоширатро ҳар як инсон, хоса зиёиён, толибилмону донишҷӯён донистану риоя карданашон зарур ва ҳатмист.

Сухан гавҳар аст. Қадру қимат, одамияти инсон, қабл аз ҳама, дар сухани ӯ ифода меёбад. Сухан бузургтарин неъмат ва атои илоҳист. Бе сухан муносибату муошират байни одамон, изҳори ақида ва афкори эшон маҳол аст.

Азбаски сухан воситаи муошират аст, вай, пеш аз ҳама, бояд маъно ва мантиқ дошта бошад, фикри суханварро пурраю фаҳмо ифода намояд. Сухане, ки аз чунин хусусият холист, сухани номукаммал аст.

Ҳангоми суханронии як шахс суханбуррӣ кардан, ба баёни фикри ӯ халал расонидан аз одоб берун аст ва ин боиси кафҳамии фикри суханрон шуда метавонад. Одоби муошират тақозо менамояд, ки шахси нисбатан ҷавон сухани калонсолонро бодиққат гӯш карда, аз маслиҳату насиҳатҳои муфиди онҳо баҳра барад. Қаҳру ғазаб ва ҷаҳл сухангӯйро аз доираи одоб мебарорад. Боиси он мегардад, ки суханзгӯй ҳар чизи бо даҳон омадаашро беибо иброз менамояд.

Ҷаҳл умуман душмани шахси солим аст. Ҳангоми ҷаҳл кас худро идора карда наметавонад. Гоҳо суханҳои гуфтаашро намедонад, донад ҳам, худро нигоҳ дошта наметавонад. Он ҳангоми муошират ва номувофиқатии ақидаҳо зоҳир мегардад. Нисбати шахси ғоиб суханҳои дағалу қабеҳ гуфтан, фавтидагонро ғайбат кардан аз рӯйи одоб нест. Баръакс, гузаштагони муътабарро бояд бо некӣ ба забон гирифт, рӯҳи онҳоро бо суханони шоиста шод гардонд. Хусрави Деҳлавӣ фармудааст:

**Ки накунад аз сухани нарм бим,**
**В-аз сухани сахт битарсад**
**солим.**

Сухан дар суръате пуртаъсир гардида, ба дил роҳ ёфта метавонад, ки агар асоснок ва ҳаққонӣ бошад. Сухани дурӯғу беасос сухани даҳлезӣ аст, он умри дароз намебинад ва дере нагузашта ошкор мегардад. Ба қавли Ҳилолӣ:

**Беозорам аз ин дурӯғ гуфтан,**
**В-ин гавҳари бефурӯғ суфтан.**

Одоби сухан тақозо менамояд, ки сухан бе ғараз, бе киноя гуфта шавад. Шахсе, ки дили бекина дорад, ҳамеша хушгуфтор ва ширинсухан аст. Мутаассифона, баъзеҳо, ки дар хунашон дурӯғгӯӣ ва хабаркашӣ ҷой гирифтааст, аз ин рафтору кирдори хеш даст кашида наметавонанд ё даст кашидан ҳам намехоҳанд. Ин гуна одамон феълан байни мардум тухми низову адоват мекоранд ва худ аз дур тамошо мекунад. Хоҷа Ҳофиз чунин мегӯяд:

**Халқе забон ба даъвии**
**ишқаш кушодаанд,**
**Эй ман ғуломи он ки дилаш**
**бо забон якест.**

Дар айни замон шахси суханзгӯй ҳеҷ гоҳ набояд фаромӯш кунад, ки сарфи назар аз синну сол истифодаи ҷонишини "Шумо" одоби ҳар як суханзгӯй аст. Аксарияти мардуми ҷаҳон ҳангоми муомила ба якдигар "Шумо" гуфта муроҷиат менамоянд, ки ин ифодаи эҳтиром, қадршиносӣ, одамият ва маданияти суханзгӯй аст. Бо калонсолон "Шумо" гуфта, муроҷиат кардан ва сухан рондани ҷавонон ҳатмист.

Бояд тазаккур дод, ки шахси боодоб ба муроҷиати калонсолону шахсони ношинос, муътабар ва хешу ақрабои иззатманд "лаббай" гӯён ҷавоб медиҳад. Истилоҳи "лаббай" чунон ки дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» омадааст, аслан аз калимаи арабии "лаббайк" гирифта шуда, маънои "қабул мекунам, ба хизмат, иҷрои фармоиш тайёрам"-ро дорад. Дар забони тоҷикӣ вай



тадриҷан ба ҳукми ифодаи ҳурмат соҳиб гардида, чун ҷавоби боэҳтиромона хизмат мекунад.

Аломати аввалин ахлоқи ҳамида хушхӯӣ дар одоби саломуалейк зоҳир мегардад. Касе, ки дар оила, дар мактаб таълиму тарбияи хуб гирифтааст, худро шинохтааст, ҳатман шартҳои салому алейкро риоя мекунад.

Салом мероси гаронбаҳои ниёгони ҳамаи миллату халқҳо, нишони хушахлоқиву поктинатии инсон буда, аз авлод ба аҷдод мегузарад. Дар ҳар мавриди воҳӯрӣ аз ҳама пеш ин калимаи муборак ба забон гирифта мешавад. «Салом» маънои «сулҳ», «амон», «осуда», «сиҳат», «хайрият», «таҳният» ва «дуруст»-ро дорад.

Одоби муошират қисми тартибии одобу тарбияро ташкил медиҳад ва ҳар як шахсро аз феълу ахлоқ, одобу атвораш ва аз муносибату муоширааш ба атрофиён мешиносанд.

Аз ин рӯ, ба хулоса омадан мумкин аст, ки одоби муошират - ин зеби ҳар як инсон аст. Имрӯз ҷомеаи мо бояд кӯшиш ба харҷ диҳад, ки анъанаи пурғановати миллии худро пос дошта, баҳри пойдории он кӯшиш намояд.

**Маҳбуба ҒАФФОРОВА,**
**раиси шӯрои занон ва**
**духтарони донишкада**

# ЗАБОНИ АНГЛИСӢ - ЗАБОНИ ҶАҲОНӢ

Рӯз ба рӯз Тоҷикистони соҳибистиқлоли мо аз ҷиҳати иқтисодӣ, фарҳангӣ ва ғайра тараққӣ карда истодааст ва ҳар як фарди тоҷикро мебояд, ки дар рушду нумӯи кишвар ҳиссагузор бошад. Барои ҳамқадам будан бо тамаддуни ҷаҳонӣ зарур аст, ки ҷавонон дониши комил, хиради бузург, ҳисси ватандорӣ ва ҷаҳонбинии васеъ дошта бошанд. Чуноне ки Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид мекунанд, ҳар як шаҳрванд бояд ба ғайр аз забони тоҷикӣ, яъне забони модарӣ боз дигар забонҳои хориҷиро аз худ намояд. Барои пешбурди тараққиёти сиёсӣ ва иқтисодиёти ҷаҳон донистани забони хориҷӣ, яъне забони англисӣ басо муҳим аст. Забондонӣ ҳамчун силоҳ метавонад барои нигоҳ доштани сулҳу ваҳдат дар ҷомеа мусоидат намояд.

Забони англисӣ яке аз забонҳои ғарбии гурӯҳи забонҳои германӣ мебошад, ки имрӯз дар Британияи Кабир, Ирландия, Амрикои Шимолӣ, Австралия ва як қатор кишварҳои Осиё ва Африқо маъмул буда, бештар аз 750 миллион сокинони сайёраи мо ба ин забон ҳарф мезананд. Ҳоло ин забон дар як қатор давлатҳои ҷаҳон ҳамчун забони давлатӣ маҳсуб ёфта, яке аз забонҳои кории Созмони Милали Муттаҳид ба ҳисоб меравад. Сарчашмаи пайдоиши забони англисӣ лаҳҷаҳои англҳо ва саксҳо ном қабилаҳои германии қадим мебошад, ки дар асрҳои V-VI дар Британиё зиндагӣ мекарданд. Маҳз ҳамин лаҳҷаҳо вобаста ба ташаккули халқи англис инкишоф ёфта, пояи забони англисии қадимиро ташкил доданд. Аз асри VIII сар карда, нуфузи Британиё ва сипас ИМА дар



рушди сиёсӣ ва иқтисодии ҷомеаи ҷаҳонӣ афзоиш ёфт, ки ин боиси густариши забони англисӣ дар тамоми олам гардид ва ин забон имрӯз чун забони муошırати байналхалқӣ маъруф аст.

Ифтихор аз он дорам, ки сазовори номи пуршарафи донишҷӯӣ гардидам ва дар Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон таҳсил мекунам. Дар донишкада барои омӯзиши забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла забони англисӣ тамоми шароитҳо фароҳам оварда шудааст. Донишҷӯён метавонанд бо истифода аз техникаву технологияҳои муосир дониши худро сайқал диҳанд. Инчунин дар гурӯҳҳои англисӣ дарс бо забони англисӣ сурат мегирад, ки ин низ барои забономӯзии донишҷӯён мусоидат мекунад.

Хулоса, донишҷӯён бояд ҳамқадами замон буда, аз шароитҳои барои онҳо фароҳам овардашуда истифода баранд, дониши хуб гиранд ва сатҳи забономӯзиашонро такмил диҳанд.

**Амалия ДОДИХУДОЕВА,**
**донишҷӯи курси 1, факултети**
**менеҷмент ва ҳуқуқи молиявӣ**

**Чор ширкати бузурги иҷтимоии интернетӣ - Фейсбук, Майкрософт, Твиттер ва Ютюб дастаҷамъона алайҳи сомонаҳои терроризмро тарғибкунанда мубориза хоҳанд бурд.**

# ЗОДРӮЗ МУБОРАК!

### Асадулло Муллоҷонови арҷманд!

40-умин баҳори неки зиндагиатонро таҳният мегӯем ва бароятон тансиҳатӣ, хонаободӣ, хушбахтӣ, муваффақият, умри дарози пурбаракату бенуқсон, амалигардии тамоми орзуҳо ва осмони софу дар зиндагӣ роҳи сафедро талаб дорем.

**Муборак, рӯзи таврлидат, муборак!**
**Муборак, шодиву идат, муборак!**
**Шуда ҳалқа ба даврат дӯстонат,**
**Муборак, базми ҷамшедат, муборак!**

### Кухзод Шодиеви гиромӣ!

Шуморо бо 30-юмин солгарди мавлуди муборакатон самимона шодбош мегӯем. Дар ин рӯзи хуршедии саид таманно дорем, ки ҳамеша дар ҳалқаи оила, дӯстону наздиконатон тансиҳату хонаобод ва хушиқбол бошед.

Бо беҳтарин таманниёт орзу мекунем, ки гуворотарин лаҳзаҳои ҳаёт насибатон гарданд.

**Сӣ баҳори пурсафоро дар задӣ,**
**Ту гули садбарги тар дар сар задӣ.**
**Зинда бош, эй шуълаи хуршеди мо,**
**Зинда бош, эй дӯсти пуруметди мо.**

### Садриддин Шариповн азиз!

Шуморо ба муносибати фарорасии 25-умин солгарди зодрӯзи хуҷастаатон сидқан шодбош гуфта, тамоми хушиҳои зиндагӣ ва комёбиҳои беназири эҷодиро таманно дорем.

**Сарсабзу шукуфтаҳолу побарҷо бош,**
**Сад сол бизиву беш аз ин бо мо бош.**

## ОБУНА – 2017

**Рӯзномаи «Молия ва иқтисод» фарогири тамоми масоили донишкада буда, моҳе ду маротиба чоп мешавад. Маъракаи обуна ба рӯзнома оғоз гардидааст. Обуна шудан ба «Молия ва иқтисод» дастрасӣ ба маводи ҷолибу хонданӣ ва ғанӣ гардонидани ҷаҳони маънавиёт, фарҳанг, иқтисодиёт ва дарёфти ҳаҷви гуворост.**

**Хонандагони гиромӣ, нархи обуна барои як сол ҳамагӣ 25 сомонӣ буда, аз обунашавӣ ба ин нашрия дар канор намонед.**

Раёсат, Кумитаи муттаҳидаи иттифоқи касаба ва аҳли ҳамкасбон аз фавти нобаҳангоми дотсенти кафедраи фаъолияти бонкии донишкада

**НАҶМИДДИНОВ АКРАМ ЮСУПОВИЧ**

сахт андӯҳгин буда, ба аҳли оила ва наздикони марҳум ҳамдардии амиқ изҳор намуда, баҳрашон аз даргоҳи Худованд сабри ҷамил хоҳонанд.

Раёсат, Кумитаи муттаҳидаи иттифоқи касаба ва аҳли ҳамкорон ба Ҳомидов Аслон Умарович, дотсенти кафедраи суғуртаи донишкада нисбати даргузашти

**ХОҲАРАШ**

изҳори ҳамдардӣ ва тасаллият менамоянд.

Раёсат, Кумитаи муттаҳидаи иттифоқи касаба ва аҳли ҳамкорон ба Шарипов Бобоалӣ, дотсенти кафедраи математикаи олии донишкада нисбати даргузашти

**МОДАРАШ**

изҳори ҳамдардӣ ва тасаллият менамоянд.

Хушхабар

# ДУ НОМЗАДИ ИЛМ ДАР ЯК РӮЗ



Боиси шодмонист, ки сафи номзадҳои илм аз ҳисоби омӯзгорони ҷавон дар ДМИТ меафзояд. Ин навбат ду нафар аз олимони ҷавон рисолаи номзадиашонро ҳимоя карданд.

10 декабри соли равон дар Шӯрои диссертатсионии Донишгоҳи тиҷорати Тоҷикистон устоди кафедраи иқтисоди ҷаҳон ва тиҷорати байналмилалӣ Набиева Давлатбахт Маҷидовна рисолаи номзадии худро дар мавзӯи «Танзими давлатии бозори меҳнат ва шуғли аҳолии деҳот дар шароити иқтисоди бозорӣ» (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон») («Государственное регулирование рынка труда и занятости сельского населения в условиях рыночной экономике (на материалах Республики Таджикистан) аз рӯи ихтисоси иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ таҳти роҳбарии профессор, доктори илмҳои иқтисодӣ А. Қурбонов ва инчунин дар Шӯрои диссертатсионии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур устоди кафедраи фанҳои табиатшиносӣ Улуғов Одилҷон Пардаалиевич рисолаи номзадиашро дар мавзӯи «Хозяйственно-полезные признаки пчелиных семей при использовании стимулирующих подкормок с белковыми наполнителями в



условиях Центрального Таджикистана» таҳти роҳбарии доктори илмҳои кишоварзӣ Шарипов Абдурашит аз рӯи ихтисоси 06.02.10-зоотехнияи ҷузъӣ, технологияи истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ муваффақона ҳимоя намуданд.

Мо Давлатбахт Набиева ва Одилҷон Улуғовро бо ин пирӯзӣ табрик намуда, барояшон комёбиҳои нави эҷодиро таманно дорем.

## КРОССВОРДИ «КАЛИЛА ВА ДИМНА»




1. Муаллифи «Қобуснома». 2. Хӯроки миллии тоҷикӣ. 3. Тамашк. 4. Тоҷир. 5. Мутахассиси соҳаи забон ва адабиёт. 6. Пойтахти Маҷористон. 7. Санги қиматбаҳои ороишӣ. 8. Штат дар ИМА. 9. Рубрикаи махсус дар саҳифаи рӯзномаи «Молия ва иқтисод» барои донишҷӯён. 10. Шахси бевиҷдон. 11. Фанни мактабӣ. 12. Тарҷумаи «Университет». 13. Чизи гаронбаҳо.

**Мураттиб Насрулло Тӯйчизода**

***Хонандагони гиромӣ! Агар дар пур кардани кроссворд мушкилие пеш омад ва ё чизеро нафаҳмидед, ба идораи рӯзнома муроҷиат кунед. Инчунин метавонед муаммо ё ки кроссвордҳои тартибдодаи худро ба мо пешниҳод намоед. Ҳайати эҷодии рӯзнома аз ҳамкорӣ бо шумо сарфароз аст.***

### ЭЪТИБОР НАДОРАД

Дафтарчаи имтиҳонии Худойбердиева Ноҳила Зафаровна, донишҷӯи курси 5, шуъбаи ғоибонаи ихтисоси кори бонкии факултети молия ва қарзи ДМИТ бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

****

Дафтарчаи имтиҳонии Сайфиддинов Киромиддин Қиёмович, донишҷӯи курси 4, шуъбаи рӯзонаи ихтисоси иқтисоди ҷаҳони факултети муносибатҳои иқтисоди байналмилалии ДМИТ бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

****

Дафтарчаи имтиҳонии Шарифхони Бозор, донишҷӯи курси 4, шуъбаи рӯзонаи ихтисоси танзими ҳуқуқи молия ва қарзи факултети менеҷмент ва ҳуқуқи молиявии ДМИТ бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

****

Дафтарчаи имтиҳонии Қурбонов Ҳусайн Абдумаҷидович, донишҷӯи курси 5, шуъбаи ғоибонаи ихтисоси андоз ва андозбандии факултети иқтисоди молиявӣ ва андозбандии ДМИТ бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

****

Дафтарчаи имтиҳонии Шарипов Самандар Абдуқаҳорович, донишҷӯи курси 2, шуъбаи рӯзонаи ихтисоси таъмини иқтисодии фаъолияти гумруки факултети муносибатҳои иқтисоди байналмилалии ДМИТ бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

****

Дафтарчаи имтиҳонии Шарипов Сафаралӣ Кукиевич, донишҷӯи курси 3, шуъбаи ғоибонаи ихтисоси кори бонкии факултети молия ва қарзи ДМИТ бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

****

Дафтарчаи имтиҳонии Қурбонов Ҷиёнхон, донишҷӯи курси 4, шуъбаи ғоибонаи ихтисоси андоз ва андозбандии факултети иқтисоди молиявӣ ва андозбандии ДМИТ бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

Молия ва иқтисод
Нашрияи Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон
Муассис: Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Сармуҳаррир: Машҳура Абдуллоева
Котиби масъул: Саъдулло Носиров
Муҳаррирон: Насрулло Тӯйчизода, Наврӯз Ҷобиров, Фарзона Ашурова, Хисрав Муҳиддинов

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0330/рз аз 7 декабри соли 2015 ба ҳисоб гирифта шудааст.
**Нишонӣ: ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64\14**
**Тавзеҳ:**
Дастнавис қабул карда намешавад. Мавод бояд бо ҳуруфи **Arial Tj**, андозаи 14 ҳуруфчинӣ шуда бошад.
Нашрия на бо ҳама афкори муаллифон мувофиқ буда, ба хотири гуногунандешӣ матолиби мухталифро ба табъ мерасонад.

**Дар матбааи «Мега-принт» нашр мешавад. Теъдоди нашр 4000 Нархаш шартномавӣ**

www.feit.tj
E-mail: gazetmoliy@mail.ru
**Телефон: 988 – 16 – 51- 57**